*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 105 (4688) | ПАНҶШАНБЕ, 24 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ РАСМИИ РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН



**Бистуми августи соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои анҷом додани сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сафар карданд.**

Дар ин сафар Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони як қатор ташкилоту идораҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ, намояндагони бахши соҳибкорӣ, инчунин дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**Нимаи дуюми рӯзи 20 - уми августи соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо сафари расмӣ вориди шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Пекин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро муовини раиси Комиссияи Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба масъалаҳои маориф, илм, фарҳанг ва тандурустӣ, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ва дигар шахсони расмӣ гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

**Бисту якуми августи соли 2023 дар доираи сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар майдони Тянанмэни шаҳри Пекин бо нишони эҳтиром ба таъриху фарҳанг, маданият ва фарзандони қаҳрамонони кишвари Чин дар назди Ёдгории қаҳрамонони халқӣ гулчанбар гузоштанд.**

Бо гузоштани гулчанбар ва гиромидошти қаҳрамонони халқи Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Рустами Эмомалӣ рӯҳи шаҳидони роҳи озодиро шод намуданд.

Дар маросими гулчанбаргузорӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро муовини раиси Комиссияи Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба масъалаҳои маориф, илм, фарҳанг ва тандурустӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**21-уми августи соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва ҳайати ҳамроҳонаш аз Осорхонаи таърихи Ҳизби коммунисти Чин боздид ба амал оварданд.**

Осорхонаи мазкур аз соли 2021 ба фаъолият оғоз намуда, дар он беш аз 2500 акс, 3500 ҳуҷҷату санади таърихӣ ва дигар нигораҳо ба маърaз гузошта шудаанд.

Осорхонаи таърихи Ҳизби коммунисти Чин ҳудуди беш аз 147 ҳазор метри мураббаъро ишғол карда, намоишгоҳи калонтарин ва муҳими миллии Чин ба ҳисоб меравад.

Бинои асосии он дар шакли иероглифи чинии «гун», (коргарон) сохта шуда, таҷассумгари пешоҳанги синфи коргар, мардум ва миллати чин будани Ҳизби коммунисти Чин мебошад.

**21-уми августи соли 2023 дар доираи сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси шаҳри Пекин муҳтарам Ин Юн мулоқот анҷом доданд.**

Дар оғози суҳбат муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ҷониби чинӣ барои истиқболу меҳмоннавозии анъанавӣ миннатдорӣ баён карданд.

Таъкид карда шуд, ки муколамаи доимии дӯстона ва боэътимоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин омили муҳими таъмиқи шарикии стратегии ҳар ду кишвар ба ҳисоб рафта, маҷмӯи санадҳои зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзошуда ба рушди ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Чин равона гардидааст.

Ба тавсеаи робитаҳои байнипарламентӣ, ки ҷавобгӯи ҳадаф ва принсипҳои шарикии стратегӣ мебошад, таваҷҷуҳи доимӣ дода шуда, ҷонибҳо ба густариши ҳамкориҳо дар сатҳи пойтахтҳо аз рӯи самтҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳавасмандӣ зоҳир карданд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ зикр карданд, ки Пекин имрӯзҳо бо шоҳкориҳои меъморӣ, асарҳои санъат ва ёдгориҳои таърихиаш шумораи зиёди сайёҳонро аз тамоми гӯшаи ҷаҳон ҷалб кардааст. Пекини муосир бо инфрасохтори рушдкарда ҳамчун маркази сиёсӣ, таълимӣ ва фарҳангии Чин ба меҳвари баргузории чорабиниҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва фарҳангию оммавӣ табдил ёфтааст. Иқтисодиёти Пекин бо суръати баланд рушд ва симои он мунтазам дигаргун мешавад, ки муаррифгари меҳнати созанда ва дастовардҳои халқи Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошад.

Ҷонибҳо оид ба тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, ҷалби сармоя ба бахшҳои истеҳсолӣ ва рушди сайёҳӣ, тақвияти робитаҳо дар соҳаҳои маориф, илму техника ва тандурустӣ табодули назар карданд.

Душанбе ба ҳайси бародаршаҳри шаҳрҳои Урумчи, Сямен, Чиндао, Хайнан ва шарики шаҳри



Чэнду барои таҳкими муносибатҳои бародаршаҳрӣ, робитаҳои дӯстона ва ҳамсоягии неки Тоҷикистону Чин корҳои назаррас анҷом медиҳад. Ҳамчунин, изҳори боварӣ карда шуд, ки тақвияти минбаъдаи ҳамкорӣ бо шаҳри Пекин барои боз ҳам густариш ёфтани муносибатҳои мутақобилаи байни пойтахтҳо, тавсеа ва таҳкими робитаҳои иқтисодию фарҳангӣ такони тоза мебахшад.

Дар ҳошияи мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Раиси шаҳри Пекин муҳтарам Ин Юн байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маъмурияти шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин Ёддошти тафоҳум оид ба дӯстӣ ва ҳамкорӣ ба имзо расид.

**21-уми августи соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ноҳияи Хайдиени шаҳри Пекин ташриф оварда, аз Маркази намоишию санҷишии «Шаҳри ҳушманд» боздид намуданд.**

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки ғояи «Шаҳри ҳушманд» аз равандҳои имрӯзаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, барои муътадилгардонии кори низоми нақлиётӣ, истифодаи самарабахши захираҳои энергетикӣ, содагардонии равандҳои идоракунӣ, баланд бардоштани сатҳи бехатарӣ, иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти шаҳр, беҳбуди муҳити созгор ва сатҳи зиндагӣ ба кор бурда мешавад.

Имрӯз кишвари Чин, бо истифода аз технологияҳои пешрафтаи мониторинг, коркарди маълумотҳои калон ва зеҳни сунъӣ дар самти осон кардани идоракунии шаҳрҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар пешбурди ташаббусҳо оид ба «шаҳрҳои ҳушманд» мавқеи пешсафиро дар ҷаҳон касб кардааст.

**21-уми августи соли 2023 дар доираи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Чжао Лэтсзи мулоқот анҷом доданд.**

Мулоқот бо изҳори арзи сипоси самимии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даъват ва меҳмоннавозии гарму самимӣ оғоз гардида, сипас, муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳамтои худро ба муносибати интихоб гардидан ба мансаби Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин муборакбод намуданд.

Бо қаноатмандӣ таъкид карда шуд, ки робитаҳои байнидавлатии сифатан нав, ки бо талошҳои муштараки сарони ҳар ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Си Ҷинпин устувор гардидаанд ва ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Чин ба принсипҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамдастӣ, эҳтиром ва эътимод ба якдигар, асос ёфтаанд.

Дар ин зимн, ҷонибҳо ибрози назар намуданд, ки робитаҳои байнипарламентӣ ба сифати василаи муҳими маҷмӯи муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону Чин барои таҳкими минбаъдаи шарикии стратегӣ ва дӯстии байни мардуми ҳар ду кишвар мусоидат менамояд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту якуми августи соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба озод намудани Файзуллозода Х. Т. аз вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният интихоб намудани Муинӣ М.М.» баррасӣ гардида, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Ҳамзамон, масъалаҳо «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Озарбойҷон», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроия оид ба тартиби амалисозии Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи реадмиссия», «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «OXUS INTERAZIA FZCO» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли тамоку дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара», «Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) доир ба лоиҳаи беҳтар намудани таҷҳизоти нигоҳдорӣ, рақамикунонӣ ва истифодабарии китобҳои Муассисаи давлатии «Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандартии китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон», «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои сарҳадӣ аз 2 сентябри соли 2011», «Дар хусуси Шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои додани хулоса ба кумитаҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардиданд.

**«Садои мардум»**



## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО МУҲАММАДТАҚӢ СОБИРӢ

**Бисту дуюми августи соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадтақӣ Собириро бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Эрон мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Таъкид гардид, ки ҷониби Тоҷикистон, аз ҷумла парлумони касбии мамлакат, ба рушду густариши бештари муносибатҳо бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, аз ҷумла таҳкиму тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Дар фарҷоми мулоқот Маҳмадтоир Зокирзода ба сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон дар фаъолияти ояндааш комёбиҳо орзу намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## СУҲБАТИ ДИЛРАБО МАНСУРӢ БО ГВИ-ЕОП СОН





**17-уми августи соли 2023 муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ бо мудири минтақавии Дафтари СММ оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои рушд (UNDCO) барои Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Гви-Еоп Сон мулоқот намуд.**

Дар оғоз Дилрабо Мансурӣ Гви-Еоп Сонро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хайра мақдам гуфта, иброз намуд, ки ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилоти бонуфузи ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид сол то сол қавитар мегардад. Маҳз, ҳамкории тарафайн барои баланд бардоштани вазъи иҷтимоии сокинони мамлакат такони бузург бахшид. Махсусан, дар самти кор бо шахсони имкониятаашон маҳдуд дар якҷоягӣ бисёр амалҳои неку шоиста анҷом дода шуданд.

- Бо назардошти он ки ҳифзи иҷтимоии маъюбон яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, пайваста барои дастгирии ин табақаи осебпазири аҳолӣ тадбирҳои судманд андешида мешавад. Шоистаи зикр аст, ки бо дастгирӣ ва ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон, Фармон «Дар бораи ба имзорасонии матни Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон» аз 2-юми феврали соли 2018 таҳти №1002 қабул гардид.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# САФАРИ РАСМИИ РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Тайи беш аз 30 соли гузашта муносибатҳои Тоҷикистон ва Чин бо такя ба эътимоду боварии ҳамдигарӣ ба сатҳи рушди босуръат ва баландтарини худ дар тӯли таърих ноил гардиданд, ки дар арсаи муносибатҳои байналмилалӣ падидаи нодир аст. Ҳамчунин, дар ин давра оид ба масъалаҳои мавриди манфиати тарафҳо ва ҳамкорӣ дар арсаҳои гуногун густариш ёфта, натиҷаҳои пурсамари амалҳои муштарак дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» дастрас мегарданд.

Заминаи назарраси ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба бо Чин фарогири ҳамаи самтҳои ҳамкорӣ буда, барои тавсеаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва ҳарбию техникӣ мусоидат менамояд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни суҳбат ба ҷониби Чин барои дастгирии амалисозии лоиҳаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ дар Тоҷикистон миннатдорӣ изҳор карда, ҳамзамон тавсеаи ҳамкориро дар самтҳои нақлиёт, энергетика, саноат, илму маориф, тандурустӣ, мудофиа ва амният зарур шумориданд.

Дар рафти музокирот зимни баррасии масъалаҳои ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, инчунин дигар ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ҷонибҳо ба масъалаи мубориза дастаҷамъонаи кишварҳо бар зидди терроризм ва экстремизм, сепаратизм, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷинояткорӣ ва дигар таҳдидҳои амниятӣ, таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки «Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин» барои амиқтар намудани муносибатҳои наздики боэътимоди ҳар ду кишвар ва фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ барои рушди робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва дигар самтҳои ҳамкорӣ мусоидат менамояд.

Дар анҷоми мулоқот Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Чжао Лэтсзи даъват ба амал оварданд, ки дар вақти барояшон мусоид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оваранд. Даъват бо хушнудӣ қабул гардид.

Пас аз анҷоми музокироти ҳайатҳо байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин «Созишнома оид ба ҳамкорӣ» ба имзо расонида шуд.

Сипас, дар ҳузури Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Чжао Лэтсзи маросими имзои санадҳои зерин баргузор гардид:

- аз ҷониби вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ва муовини раиси Агентӣ оид ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Мардумии Чин Дэн Бо Чин номаи табодулӣ оид ба ҷудо намудани кумаки молиявии Чин дар ҳаҷми 2 миллион доллари ИМА барои сохтмони толори маҷлисгоҳ дар Маҷмааи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аз ҷониби вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ва муовини раиси Агентӣ оид ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Мардумии Чин Дэн Бо Чин номаи табодулӣ оид ба таҳқиқи қаблии техникии лоиҳаи «Шаҳри ҳушманд» (Smart city)-и шаҳри Душанбе; сохтмону азнавсозии роҳ ва 4 эстакадаҳои нав дар пойтахт, таъмиру азнавсозии гузаргоҳи сарҳадии Тоҷикистону Чин «Кулма-Қаросу», азнавсозӣ ва сохтмони қитъаи роҳ аз деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то гузаргоҳи сарҳадии Тоҷикистону Чин «Кулма-Қаросу»;
- аз ҷониби сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин Зоҳир Саидзода ва муовини вазири савдои Ҷумҳурии Мардумии Чин Лэн Ҷи санади супоридан ва қабули воситаҳои нақлиёти коммуналию сохтмонӣ, ки ба таври ройгон, ҳамчун кумак аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

**Дар идомаи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ 22-юми августи соли 2023 бо муовини Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Хан Чжэн мулоқот намуданд.**

Дар ҷараёни мулоқот вазъ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷонибаи ҳар ду кишвар, инчунин масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ, баррасӣ гардиданд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ҷониби Чин барои даъват ҷиҳати анҷом додани сафари расмӣ изҳори сипос карда, муҳтарам Хан Чжэнро ба муносибати ба мақоми баланди муовини Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин интихоб гардиданашон муборакбод намуданд.

Таъкид гардид, ки муносибат бо Ҷумҳурии Мардумии Чин аз афзалияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, Чин барои кишвари мо шарики боэътимоди стратегӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Ҷонибҳо ба натиҷаҳои сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин баҳои баланд дода, муҳимияти рушди минбаъдаи шарикии ҳамаҷонибаи стратегии Тоҷикистону Чин, аз ҷумла татбиқи саривақтии созишномаҳои қаблан бадастомадаи байни роҳбарони ҳар ду давлатро таъкид намуданд.

Дар ин замина, аз робитаи зич ва ҳамкории судманди Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин, инчунин, фаъолияти самарабахши гурӯҳҳои дӯстии Тоҷикистону Чин изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Зикр гардид, ки Тоҷикистон ташаббуси стратегии Чин «Як камарбанд, як роҳ»-ро пуштибонӣ карда, дар доираи он ба густариши ҳамкории мутақобилан судманд, ки ба манфиатҳои аслии ҳар ду кишвар ва мардуми бо ҳам дӯсти онҳо равона гардидааст, назари нек дорад.

Дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо дар марҳилаи ба модели саноатию аграрии рушд рӯ овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани неруи инноватсионии истеҳсолот дар ҳамаи бахшҳои иқтисодиёти Тоҷикистон ва амалигардонии лоиҳаҳои муҳими инфрасохториро бо истифода аз технологияҳои илмию индустриалии Чин мувофиқи мақсад ҳисобиданд.

Афзоиши бемайлони сармоягузории Чин дар Тоҷикистон, бахусус дар бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ, аз қабили саноати кӯҳӣ, энергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ, бо қаноатмандӣ зикр гардида, ҳамчунин ҷонибҳо оид ба зиёд кардани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба Чин, тақвияти иштироки соҳибкории Чин дар фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон, татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ, роҳу нақлиёт, обёрӣ ва беҳдошти замин, тавсеаи долонҳои транзитӣ табодули андеша карданд.

Дар рафти вохӯрӣ, ҳамчунин, масъалаҳои фарҳангию гуманитарӣ, зиёд кардани миқдори бурсия ва стипендияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ва ҷалби сармоя барои инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон баррасӣ гардид.

Ҷонибҳо бо назардошти вазъи мураккаби ҷаҳон ва таҳдиду хатарҳои фаромиллӣ, бахусус вазъияти ноорому ташвишовари Афғонистон, масъалаи таҳкими ҳамкории дуҷониба дар бахши амният, пурзӯр кардани талошҳои муштарак барои мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромарзиро зарур шумориданд.

Дар анҷоми мулоқот Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ муовини Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Хан Чжэнро барои анҷом додани сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карданд, ки он бо самимияту хушнудӣ қабул гардид.

**Бисту дуюми августи соли 2023 дар ҳошияи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо аъзои Бюрои сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Чин, ноиби Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Хэ Лифэн мулоқот намуданд.**

Дар оғози суҳбат муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ҷониби Чин барои даъват ҷиҳати анҷом додани сафари расмӣ ва имконияти баррасии масъалаҳои ҳамкории ҳар ду кишвар изҳори сипоси самимӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки муносибатҳо бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи афзалиятнок дорад. Дар давраи сипаришуда Тоҷикистону Чин дар тамоми соҳаҳои ҳамкории дуҷониба ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, сатҳи муносибатҳо аз ташкили робитаҳои муқаррарии дуҷониба то барқарории шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ расидаанд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки байни кишварҳои мо муносибатҳои дӯстии самимӣ, ҳамсоягии нек, эътимоди амиқ ва дастгирии тарафайн ба вуҷуд омада, дар заминаи мусоиди ҳуқуқии фароҳамгардида рушд меёбанд. Дар ҷанбаи сиёсӣ низ муносибатҳои байниҳамдигарии ҳар ду кишвар ба муштаракот ва наздикии мавқеи ҳар ду давлат дар масъалаҳои рӯзномаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ такя мекунад.

Ҷонибҳо ба муколамаи доимии байнидавлатии созанда дар сатҳи олӣ ва баланд, саҳми бузурги роҳбарони ҳар ду давлат дар таъмини рушди устувори ҳамкориҳои дуҷониба баҳои баланд дода, изҳори боварӣ намуданд, ки натиҷаҳои сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки моҳи майи соли ҷорӣ сурат гирифт, ба пешрафти минбаъдаи ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои Тоҷикистону Чин ҳамаҷониба мусоидат хоҳанд кард.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз тавсеаи мунтазами робитаҳои байнипарламентии Тоҷикистону Чин дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар доираи созмонҳои байналмилалӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, аз дастгирии Ҳукумати Чин барои татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва кумакҳои башардӯстона изҳори сипос карданд.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо атрофи масъалаҳои ҳамкории кишварҳо дар самтҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, аз ҷумла дар қолаби Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистону Чин, афзоиши ҳаҷми гардиши мол, савдо, ҷалби сармояи бахши соҳибкории Чин ба иқтисоди Тоҷикистон, татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар бахшҳои нақлиёт, энергетика, саноат, коркарди захираҳои маъдан, кишоварзӣ, дорусозиро, ки ба ташаккули занҷираи истеҳсолӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав дар Тоҷикистон мусоидат менамояд, баррасӣ намуданд.

Ҷалби сармоя ва технологияи муосири Чин дар рушди соҳаи энергетика дар Тоҷикистон, суръат бахшидани сохтмони хатти «D»-и лӯлаи гази «Туркманистон - Ӯзбекистон - Тоҷикистон - Қирғизистон - Чин», ба роҳ мондани тадқиқотҳои муштараки илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба парваришу коркарди меваю сабзавоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, пахта, ҷуворимакка ва гандум, инчунин ҳамкорӣ дар бахши савдои электронӣ зарур шуморида шуд.

Дар доираи рушди ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, тавсеаи иқтидори долонҳои транзитӣ ва дар ин робита азнавсозии нуқтаи назоратию гузаргоҳии «Қулма-Қаросу», амалисозии марҳилаи дуюми роҳи мошингарди Душанбе-Қулма, васеъ кардани хатсайрҳои ҳавоӣ байни ҳар ду кишвар муҳим арзёбӣ гардиданд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот бо таваҷҷуҳ ба афзалияти рушди ҳамкории илмию техникӣ, инноватсия ва технологияҳои баланд, масъалаҳои таҳкими ҳамкорӣ барои таъсиси заминаҳои истеҳсолӣ дар асоси «технологияи сабз», аз ҷумла ба роҳ мондани истеҳсоли нақлиёти барқӣ, панелҳои офтобӣ ва шабакаҳои барқии «ҳушманд» дар Тоҷикистонро баррасӣ намуданд.

Дар анҷоми мулоқот Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз аъзои Бюрои сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Чин, ноиби Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Хэ Лифэн даъват ба амал оварданд, ки дар вақти барояшон мусоид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оваранд. Даъват бо хушнудӣ қабул гардид.

**22 - юми августи соли 2023 дар чаҳорчӯбаи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Донишгоҳи забон ва фарҳанги Пекин ташриф оварданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки Донишгоҳи забон ва фарҳанги Пекин яке аз қадимтарин ва бонуфузтарин муассисаи таҳсилоти олии касбии Чин ба шумор рафта, дар соли таҳсили 2022-2023 дар он 9000 донишҷӯи хориҷӣ аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон таҳсил мекунанд. Аз рӯи нишондиҳандаи шумораи донишҷӯёни хориҷӣ донишгоҳи мазкур дар Чин ҷойи аввалро ишғол менамояд.

Дар ҳамон ҷо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маросими ифтитоҳи нимпайкараи Сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс, Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иштирок ва суханронӣ карданд.

Зимни суханрониашон муҳтарам Рустами Эмомалӣ зикр карданд, ки пас аз ҳазорсолаҳо низ ашъори Рӯдакӣ одамонро ба таҳкими дӯстии байни халқҳо ва тавсеаи муколамаи байни тамаддунҳо даъват менамояд. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ташаккули адабиёти Шарқ нақши арзанда дошта, назми нотакрори ӯ ганҷинаи адабиёти ҷаҳонро ғанӣ ва пурмуҳтаво гардонидааст.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҳукумати мардумии шаҳри Пекин, инчунин ба аҳли эҷод барои бунёди нимпайкараи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шаҳри Пекин миннатдорӣ намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки лоиҳаи нимпайкара дар мувофиқа бо Сафорати Тоҷикистон дар Чин ва Осорхонаи Ҷинтайи Чин аз ҷониби ҳайкалтароши маъруф Юан Сикун омода карда шудааст. Дар поясанги нимпайкара бо забонҳои тоҷикӣ, чинӣ ва англисӣ сатрҳои зерини бегазанд аз ашъори устод сабт шудааст:

**То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,**
**Кас набуд дар роҳи дониш бениёз.**
**Дониш андар дил чароғи равшан аст,**
**В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.**

**22 - юми августи соли 2023 дар ҳошияи сафари расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин маросими баимзорасонии санадҳои ҳамкории бахши хусусии Чин ва Тоҷикистон баргузор гардид.**

Аз ҷумла:

- Созишномаи қолабӣ байни Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Рунҷонг Холдинг Групп»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба навсозӣ ва то 180 ҳазор тонна дар як сол расонидани истеҳсоли карбамид дар корхонаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот» ба маблағи 50 миллион доллари ИМА;
- Созишномаи қолабӣ байни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Осиё Кемикал»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Рунҷонг Холдинг Групп»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба сохтмони Корхонаи истеҳсоли карбамид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтидори 300 ҳазор тонна дар як сол, ба маблағи 300 миллион доллари ИМА;
- Ёддошти тафоҳум байни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Джинчуен»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ташкил, бунёд ва идоракунии Корхонаи муштарак оид ба истеҳсоли электромобилҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтидори истеҳсоли 1500 автомашина дар як сол, ба маблағи 25 миллион доллари ИМА;
- Ёддошти тафоҳум байни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мармарӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Таҷонг Интерпрайс Менеҷмент Консалтинг Co. Ltd.»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи таъсис додани Корхонаи муштарак оид ба сохтмон ва истифодабарии маркази логистикӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 26 миллион доллари ИМА
ба имзо расиданд.

**Бисту сеюми августи соли 2023 дар идомаи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Ханҷоу бо Раиси шаҳри Ханҷоу муҳтарам Яо Гаоюан мулоқот анҷом доданд.**

Дар оғози суҳбат муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси шаҳри Ханҷоу барои истиқболу меҳмоннавозӣ изҳори миннатдорӣ карданд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ таъкид доштанд, ки муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ҳамсояи наздики Ҷумҳурии Тоҷикистон - Чин аз афзалиятҳои муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Боиси қаноатмандист, ки ҳамкории ҳар ду кишвар дар тамоми самтҳо пайваста рушд ва ба сатҳи сифатан нав расида, дар сатҳҳои олӣ ва баланд муколамаи мунтазами сиёсии эътимодбахш ба роҳ монда шудааст.

Ҷонибҳо зимни мулоқот вазъи феълӣ ва дурнамои муносибатҳои ҳамкории байниминтақавиро, бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи рушд, дар бахшҳои гуногун баррасӣ карда, ба масъалаҳои таҳкими ҳамкории байни Душанбе ва Ханҷоу изҳори ҳавасмандӣ намуда, тавсеаи робитаҳоро дар бахшҳои илм ва омодасозии кадрҳои илмӣ, инноватсия ва технологияҳо, нақлиёту мошинасозӣ, дорусозӣ ва нафту кимиё диққати махсус дода шуд.

Пас аз анҷоми мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси шаҳри Ханҷоу байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиии шаҳри Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маъмурияти шаҳри Ханҷоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба имзо расид.

**23 - юми августи соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар идомаи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ба шаҳри Ханҷоуи музофоти Чжэтзян ташриф оварданд.**

Дар ҳамин рӯз Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Котиби Кумитаи ҳизбӣ, Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии музофоти Чжэтзян муҳтарам И Лянхун мулоқот намуданд.

Дар оғози суҳбат муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ҷониби чинӣ барои истиқболу меҳмоннавозии самимӣ миннатдорӣ изҳор карданд. Зикр гардид, ки дар давраи сипаришуда ба шарофати саъй ва талошҳои муштараки роҳбарони ҳар ду давлат шарикии стратегии Тоҷикистону Чин бо вусъати тоза рушд ёфта истодаанд.

Байни кишварҳои мо муносибатҳои мутақобилаи сатҳи баланду эътимодбахши сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ хос аст. Дар ин раванд равобити байнипарламентӣ ва байниҳизбӣ мавқеи муассир доранд.

Ҷонибҳо ба натиҷаҳои баланди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳо баҳои баланд дода, барои рушди минбаъдаи тамосу робитаҳои судманди миёни шаҳрҳою минтақаҳои Тоҷикистону Чин ҳавасмандӣ зоҳир намуданд.

Зимни мулоқот масъалаҳои тақвияти ҳамкорӣ бо ширкатҳои музофоти Чжэтзян дар бахшҳои аграрӣ, энергетика, тиҷорати электронӣ, роҳсозӣ, сайёҳӣ, саноати кӯҳӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок баррасӣ карда шуданд.

**23 - юми августи соли 2023 дар идомаи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин дар шаҳри Ханҷоу Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз Осорхонаи Бозиҳои 19-уми тобистонаи Осиё дидан намуданд.**

Осорхона дар ҳудуди маркази варзишии Олимпии шаҳри Ханҷоу дар масоҳати 5700 метри мураббаъ ҷойгир буда, роҳи тайкардаи Ханҷоуро дар ҷараёни корҳои омодагӣ ба Бозиҳои 19-уми тобистонаи Осиё дар сиғаи интерактивӣ намоиш медиҳад.

Бояд гуфт, ки Бозиҳои 19-уми тобистонаи Осиё аз 23-юми сентябр то 8-уми октябри соли 2023 дар шаҳри Ханҷоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин доир гардида, дар он барои дарёфти 474 маҷмӯи медалҳо аз рӯи 61 намуди варзиш, ки 45-тои онҳо намуди варзиши олимпӣ мебошанд, мусобиқаҳо гузаронида мешаванд.

www.majmilli.tj



Мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Чжао Лэтсзи



Мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо муовини Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Хан Чжэн



Суханронии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маросими ифтитоҳи нимпайкараи Сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс, Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ



Мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо аъзои Бюрои сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Чин, ноиби Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби Хэ Лифэн




Мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси шаҳри Ханҷоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Яо Гаоюан



Мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Котиби Кумитаи ҳизбӣ, Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии музофоти Чжэтзян муҳтарам И Лянхун

# СУҲБАТИ ДИЛРАБО МАНСУРӢ БО ГВИ-ЕОП СОН

(Идома аз саҳ. 1)

Тибқи фармони мазкур 22-юми марти соли 2018 дар ҳошияи кушодашавии чорабинӣ бахшида ба оғози Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028» Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бинои Созмони Милали Муттаҳид, воқеъ дар шаҳри Ню-Йорки ИМА зери Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид «Дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон» имзо гузоштанд, - иброз намуд Дилрабо Мансурӣ.

Вакилони Маҷлиси намояндагон барои мукаммал намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ғамхорӣ нисбат ба маъюбон корҳои муайянро ба сомон расонидаанд ва дар оянда низ ин масъалаи муҳим зери таваҷҷуҳи онҳо қарор мегирад.

Зикр гардид, ки дар назди Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ аз 10-уми марти соли 2022 Гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба ҳуқуқҳои маъюбон аз ҳисоби вакилони Маҷлиси намояндагон, намояндагони сохторҳои давлатию хусусӣ ва шарикони рушд таъсис дода шуд, ки он корашро бомаром идома дода истодааст.

Барои ҳар чӣ бештар расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд, шахсони ғайри қобили меҳнат, бе ҷойи зисти муайян ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ хизматҳои иҷтимоии тиббӣ, равонӣ, педагогӣ ва ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд.

Гви-Еоп Сон аз корҳои дар самти дастгирии иҷтимоии ашхоси имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодашуда изҳори қаноатмандӣ карда, ёдовар шуд, ки соли равон 75-солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таҷлил мегардад. Ӯ изҳори боварӣ намуд, ки дар партави таҷлили ин санаи муҳим чорабиниҳои зиёд доир хоҳанд гашт.

- Ман итминон дорам, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон тезонида хоҳад шуд ва мардуми ниёзманди мамлакат аз амалишавии нуктаҳои он баҳраманд хоҳанд гашт, - гуфт дар интиҳо Гви-Еоп Сон.

Дар мулоқот ҳамоҳангсози доимии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Парвати Рамасвами, мутахассиси калони минтақавӣ оид ба ҳамоҳангсозии рушд Дифан Джонс, роҳбари Дафтари ҳамоҳангсози доимии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Манучеҳр Раҳмонов, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сумангул Тағойзода, Саидмурод Фаттоҳзода ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Шодизода ширкат варзиданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# ВАҚТЕ МЕҲНАТ САМАР МЕОРАД...



**Замоне ки дар ноҳияи Рӯшон зиндагӣ дар сатҳи хеле паст қарор дошт, ба сари Худоназар Шарифов ҳам борҳо андешаи аз ин диёр рафтан омад, аммо нарафт.**

Дар мавзеи Майдони ҳавоии маркази ноҳияи Рӯшон замин гирифт. Муддати зиёд заминашро кишт карда натавонист. Мушкили асосӣ норасоии об буд. Техника низ надошт. Илоҷи корро ёфт. Бо зоғнӯлу бел рӯзҳои дароз ҷӯйбор меканд. Заҳмати шабонарӯзии ӯро дида, нафарони зиёд гуфтанд, аз баҳри ин кор гузарад. Мегуфтанд, ки «оби дарёро ба ҷӯйбор баровварда наметавонад, зеро сатҳи дарё аз ҷӯйбори сохтааш пасттар аст». Худоназар ба гапи мардум эътибор надод. Азми қавӣ дошт ва назди худ аҳд кард даҳони мардумро бо маҳсули кораш хоҳад баст. Аз ҳеҷ кас кумак интизор нашуд. Фарҳодвор заҳмат кашид ба замин об овард. Мардуми маҳал ангушти ҳайрат газиданд.

Соли 2015 замин ҳосили дилхоҳ надод. Ба ҷуз юнучқа дар он чизе нарӯид. Аммо рӯҳафтода нашуд ва дар 1,5 гектар боғ бунёд кард. Баъдан масоҳати боғро ба 5,5 гектар расонид ва дар он 240 ниҳоли себ, 20 бех зардолу, 20 бех мурӯд, 7 бех олу, 20 бех гелос ва 10 бех олуи инглисӣ парвариш намуд. Атрофи боғро маҳкам кард, то ҳайвонот дарахтонашро нобуд насозанд. Сипас, ба дарозии 100 метр ва паҳноии 50 метр ҳавзи моҳипарварӣ канд ва гирду атрофашро маҳкам намуд. Имрӯз дар ҳавз Худоназар Шарифов моҳӣ парвариш мекунад.

- Ширмоҳии кӯл аз дарёи Панҷ аст. Баъзеҳо маслиҳат медиҳанд, ки дигар навъҳои моҳиро низ парвариш намоям, аммо қабул накардам. Онро иваз кардан намехоҳам, зеро навъи ба маҳал мувофиқ аст.

- Аз юнучқаи замин, меваҳои боғ ва гӯшти моҳӣ даромади хуб мегирам. Ният дорам боз 1 гектар замини бекорхобидаро обод созам. Аллакай ҳамвор кардам ва масъулини Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯшон миннатдорам, ки бо мусоидаташон 50 ҳиссаи заминамро тирамоҳи соли гузашта шудгор кардам. Меҳнат кунем, ризқамонро пайдо карда метавонем. Ба гуфти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ватанамонро ба ҷуз мо касе обод намекунад». Ман ин суханони созандаро барои худ шиор кардам, - гуфт ӯ.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# АЗ ТАРКИ КОР КАРДАНИ ТАБИБОН ТО ТАМАЪҶӮИЮ ЭЪТИМОДИ МАРДУМ

**Дар арафаи Рӯзи кормандони соҳаи тиб - 18-уми август хабарнигори рӯзнома бо вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷамолиддин Абдуллозода доир ба мушкилоту дастоварди соҳа суҳбат анҷом дод, ки фишурдааш манзури хонандагон мегардад.**



**- Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ чанд табиб тарки кор кардаанд? Чаро онҳо тарки кор мекунанд ва оё барои рафъи ин мушкил вазорат ягон чора меандешад?**

- Таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи тандурустӣ мебошад, ки солҳои охир сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар мамлакат бамаротиб беҳтар гардида истодааст.

Дар радифи ин суол мехоҳам қайд намоям, ки тарки соҳа кардан ва ё ба давлатҳои хориҷ рафтани кормандони соҳаи тиб дар тамоми кишварҳои олам, ҳатто дар кишварҳои пешрафтаи дунё низ, як амри маъмулист ва инро касе инкор карда наметавонад. Дар асл ба дигар кишвар рафтани мутахассисони соҳа ба он алоқаманд аст, ки онҳо мехоҳанд дониш ва таҷрибаи кории хешро баланд бардоранд.

Солҳои охир шумораи табибоне, ки ба хориҷи мамлакат мераванд, бамаротиб коҳиш ёфта истодааст.

Хушбахтона, давоми солҳои охир шумораи табибоне, ки аз кишварҳои хориҷ барои идомаи фаъолияти корӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон меоянд, дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Аз ҷумла, дар шашмоҳаи аввали соли равон 72 табиб ва 51 ҳамшираи тиб аз дигар давлатҳо омада, дар кишварамон фаъолияташонро идома дода истодаанд.

Барои ҳавасмандгардонии табибон, хосатан табибони ҷавон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҳамкориҳо ба роҳ мондааст ва умед дорем натиҷаҳои хуб ба даст хоҳанд омад.

Дар умум, имрӯз барои кор ва фаъолияти табибони мамлакат тамоми шароит ва имкониятҳои мусоид фароҳам оварда шудааст.

**- Тибқи маълумоте, ки дорем, ҳоло дар саросари ҷумҳурӣ барои табобати беморони рӯҳӣ наздики 200 табиб намерасад. Чаро духтуршаванда зиёд асту мо мушкили кадрӣ дорем?**

**-** Мутаассифона, бинобар сабаби он ки пешаи табибӣ барои табобати бемориҳои рӯҳӣ хавфнок аст, хеле кам табибони ҷавон ин соҳаро интихоб менамоянд. Айни ҳол дар соҳа 83 нафар табиб, ки собиқаи кории то 40-сола доранд, фаъолият менамоянд, ки ҳамаи онҳо аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузашта, дорои таҷрибаи баланди корӣ мебошанд. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сармутахассисони соҳавӣ низ айни замон барои рафъи мушкилии норасоии кадрӣ дар ин бахш чораҳои зарурӣ андешида истодаанд.

**- Аз соли 2014 инҷониб довталабони бахши тандурустӣ тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил мешаванд. Дар масъалаи донишу соҳибкасб шудан донишҷӯёни солҳои охир чӣ фарқ доранд?**

- Мусаллам аст, ки беҳтар намудани вазъи таъмини муассисаҳои соҳаи тандурустӣ бо мутахассисони тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. То 1-уми январи соли 2023 теъдоди умумии табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ дар ҷумҳурӣ мутаносибан 21 ҳазору 170 ва 61 ҳазору 383 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нишондод нисбат ба соли гузашта 1,8 ва 1,7 фоиз зиёд мебошад. Тибқи оморҳои пешакӣ, банд будани воҳидҳои кории табибон 87,9 ва кормандони миёнаи тиббӣ 97,6 фоизро ташкил дода, нисбат ба як соли пешин тахминан 3,8 ва 2,1 фоиз зиёд мебошад.

Бояд гуфт, ки дар кишвар барои омодасозии мутахассисони соҳаи тандурустӣ ду донишгоҳ - Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, се донишкада - Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тиб, Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» ва 35 коллеҷи тиббии давлатию хусусӣ фаъолият менамоянд.

Омодасозии мутахассисони баландихтисос дар мадди назари роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошта, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт тамоми кӯшиш ва талоши хешро равона сохта истодааст.

Сифати таълим ва дараҷаи донишазхудкунӣ аз рӯи натиҷаи ҷамъбасти сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2022-2023 дар Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ 65,1 ва 92,5 фоизро ташкил медиҳад. Омори мазкур далели он аст, ки ҳоло вазъи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии соҳа дар сатҳи хуб қарор дорад.

**- Дар аксар беморхонаҳои мо тамаъҷӯӣ ҳаст. Аз бемору бемордор кормандон тамаъ доранд. Барои рафъи ин мушкилӣ чӣ чораҳо андешида истодаед?**

- Аслан анҷом додани амалҳои ношоиста, махсусан тамаъҷӯӣ, дар дилхоҳ соҳа аз имон ва инсофи ҳар корманд вобастагӣ дорад. Ин падидаи номатлуб яке аз хислатҳои бади инсонӣ ба шумор рафта, боиси паст гардидани обрӯи корманди соҳа дар назди ҷомеа мегардад.

Давоми чанд соли охир сатҳи ҷинояткорӣ, анҷом додани амалҳои ношоиста аз ҷониби кормандони соҳаи тандурустӣ дар кишвар рӯ ба коҳишёбӣ қарор дорад. Масалан, агар дар давоми шашмоҳаи аввали соли 2022 нисбат ба кормандони соҳаи тандурустии мамлакат 159 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда бошад, ин рақам дар нимсолаи аввали соли 2023-юм 117 ададро ташкил медиҳад. Агар дар нимсолаи аввали соли 2022 аз ҷониби шаҳрвандон 75 шикояти хаттӣ ва шифоҳӣ оид ба муоширати табибон, сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва дигар масъалаҳои ба соҳа алоқаманд ба вазорат ворид гардида бошад, дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ ин рақам 44 ҳолатро дар бар мегирад. Рақамҳои зикршуда гувоҳи возеҳи онанд, ки давоми солҳои охир сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар мамлакат хеле беҳтар гардида, инчунин, қонунвайронкунӣ ва дигар амалҳои номатлуб аз ҷониби кормандони соҳа кам гардида истодаанд.

Мехоҳам қайд намоям, ки роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста зимни боздид аз муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии минтақаҳои гуногуни мамлакат бо беморон ва наздикони онҳо суҳбату вохӯриҳо гузаронида, доир ба вазъи хизматрасонии тиббӣ аз онҳо пурсон мешавад.

Ҳамзамон, зимни ҷаласаҳои ҳайати мушовараи вазорат масъалаи пешгирии тамаъҷӯӣ ва дигар амалҳои ношоиста пайваста таъкид гардида, аз роҳбарони муассисаҳои тандурустӣ даъват ба амал оварда мешавад, ки дар ин самт корро таҳти назорати қатъӣ бигиранд. Дар умум, ҳар арзу шикояте, ки аз ҷониби шаҳрвандон доир ба анҷом додани амалҳои номатлуб аз ҷониби кормандони соҳа ба вазорат тариқи шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ ворид мегардад, таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода шуда, ба гунаҳгорон ҷавоби сазовор дода мешавад.

**- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон таъкид карданд, ки мансабдорон барои табобат ба хориҷа мераванд. Чаро чунин аст, ҳоло тибби мо, магар қудрати комили табобатро надорад? Агар медошт, чаро ба хориҷи мамлакат мераванд?**

- Воқеан ҳам, ин нуктаро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии мамлакат қайд намуда, доир ба боз ҳам беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ, аз ҷумла баланд бардоштани савияи дониш ва таҷрибаи табибони мамлакат, сатҳи омодасозии мутахассисони соҳа, дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд.

Бо боварии комил гуфта метавонам, ки имрӯз тиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори тибби кишварҳои пешрафта қарор дорад ва муассисаҳои тандурустӣ бо навтарин таҷҳизоту лавозимоти соҳавӣ ва мутахассисони варзида таъмин мебошанд.

Давоми солҳои охир табибони кишвари мо низ ба кишварҳои пешрафтаи олам сафар намуда, бо ҳамкасбони хеш мубодилаи таҷриба намудаанд ва бо боварии комил метавон гуфт, ки таҷрибаи табибони мо аз таҷрибаи табибони ҳатто кишварҳои пешрафтаи дунё камие надорад.

Ҳамзамон, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои соҳаи тандурустии кишвар бо навтарин таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ низ давоми солҳои охир босуръат рушд намуд, ки дар натиҷа шумораи муроҷиати шаҳрвандони хориҷӣ ба муассисаҳои тандурустии мамлакат барои табобат сол то сол зиёд гардида истодааст. Инчунин, барои боз ҳам баланд бардоштани савияи дониш ва таҷрибаи табибон низ солҳои охир корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд. Дар ин давра дар муассисаҳои илмию таълимии вазорат дар маҷмӯъ 7433 нафар кормандони соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ ба таҳсили баъдидипломӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 961 нафар зиёд мебошад.

Дар хориҷи мамлакат бошад, 146 нафар корманди соҳаи тандурустӣ ба таҳсили баъдидипломӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 88 нафар зиёд мебошад.

**- Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ кадом дастовардҳоро тибби мо соҳиб гашт?**

- Боиси хушнудист, ки барои боз ҳам беҳтар намудани инфрасохтори соҳа дар ин давра бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат 7 муассисаи тандурустӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Бо мақсади фароҳам овардани дастрасии бештари аҳолӣ ба ҷарроҳиҳои мураккаб ва гаронарзиш дар шаш моҳи аввали соли 2023 дар муассисаҳои давлатӣ ва хусусии тиббӣ 1083 амалиёти ҷарроҳӣ дар дилу рагҳо, 1594 амалиёти ангиография ва 1033 амалиёти ангиопластика ва стентгузорӣ, инчунин ба 319 нафар беморон амалиёти ҷарроҳии иваз намудани буғум ба буғуми сунъӣ ва 124 амалиёти ҷарроҳии пайвандсозии узвҳо гузаронида шудаанд, ки 30 нафар бемор аз хориҷи мамлакат мебошанд.

Ҳамзамон, дар шашмоҳаи аввали соли 2023 дар муассисаҳои соҳа 12 навгонӣ, аз ҷумла дар соҳаи бемориҳои чашм, дил, меъда, дар амал ҷорӣ карда шуданд.

**- Чӣ бояд кард, ки вобаста ба соҳа эътимоди мардум зиёд гардад?**

- Қайд кардан бамаврид аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои эътимоди соҳаи тандурустиро дар байни сокинони мамлакат баланд бардоштан тамоми чораҳои заруриро андешидааст. Хушбахтона, назар ба чандин сол қабл ҳоло эътимоди мардуми ҷумҳурӣ низ ба кормандони соҳа хеле зиёд гардидааст. Далели ин гуфтаҳо бамаротиб коҳиш ёфтани муроҷиати шаҳрвандони мамлакат барои ташхис ва табобат ба кишварҳои хориҷӣ мебошад. Аз кормандони соҳа хизмати содиқона ва софдилона лозим аст, то эътимоди комили мардумро ба даст оваранд. Бо боварии комил метавон гуфт, ки дар ин самт низ дар солҳои наздик соҳаи тандурустии мамлакат ба натиҷаҳои боз ҳам баланд ноил мегардад.

**- Таваллуд дар мо ройгон аст, аммо шикоятҳои мардум шаҳодат медиҳанд, ки табибон бо ҳар баҳона пул меситонанд. Ҳатто барои пур кардани варақаи корношоямӣ пул мегиранд.**

- Бори дигар мехоҳам таъкид намоям, ба истисноии он чӣ ки қонун муқаррар кардааст, аз ҷумла амалиётҳои ҷарроҳӣ, таваллуд дар кишвар ройгон аст. Ба иттилои хонандагон мерасонам, ки чандин сол боз дар назди таваллудхонаҳои мамлакат телефонҳои бовари Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон насб карда шудаанд ва дар ҳолати ба миён омадани савол ва ё ягон мушкилӣ шаҳрвандон метавонанд ба таври шабонарӯзӣ занг зада, ба саволҳои хеш посух гиранд.

Ҳамзамон, бо мақсади аз байн бурдани нофаҳмиҳо байни шаҳрвандон ва табибон дар назди таваллудхонаҳои ҷумҳурӣ хизматрасониҳои пулакӣ дар ин муассисаҳо, ки тибқи қарори 600 муайян гардидаанд, низ насб карда шудаанд.

Ҳар арзу шикояте, ки аз ҷониби шаҳрвандон чӣ ба тариқи хаттӣ ва чӣ ба тариқи шифоҳӣ вобаста ба фаъолияти таваллудхонаҳо ба вазорат ворид мегардад, мавриди баррасии амиқ қарор дода шуда, аз натиҷаи он ба шаҳрвандон низ маълумот пешниҳод карда мешавад.

**- Шумо аз камтарин вазирон ҳастед, ки ба муассисаҳои зертобеи вазорат бидуни огоҳӣ меравед. Бигӯед, ки чунин низом то кадом андоза барои беҳтар шудани кору хизматрасонӣ мусоидат кард?**

- Он чӣ ки роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад, яъне ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат сафар менамояд ва бо фаъолияти муассисаҳои соҳа бевосита шинос мешавад, фикр мекунам, аслан як амали маъмулист ва бояд чунин бошад.

Ҳадаф аз роҳандозӣ намудани иқдоми мазкур ин, пеш аз ҳама, шиносоии бевосита пайдо намудан бо фаъолияти муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳои мамлакат, рафти табобати беморон, суҳбати озоду ошкоро бо онҳо ва наздикону пайвандонашон, баррасии масъалаю мушкилоти ҷойдошта ва дар ин замина боз ҳам беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ мебошад.

Ҳарчанд дар доираи чунин боздидҳо роҳбарияти вазорат вобаста ба рафъи камбудию мушкилоти ҷойдоштаи муассисаҳои тандурустӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат низ дидор ва гуфтугӯҳо доштанд ва як қатор муассисаҳои соҳа аз таъмир баровварда шуда, бо навтарин таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ таъмин шуданд, вале фикр мекунам, ҳанӯз натиҷагирӣ намудан аз ин иқдом барвақт аст.

**- Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ давоми чор ҳафта дар ҷаҳон зиёда аз 1 млн. нафар аз коронавирус сироят ёфта, зиёда аз 3 ҳазор нафар фавтидаанд. Яъне, бо вуҷуди анҷоми ҳолати фавқулода ҳоло ҳам ин бемории оламгир ҳамчун таҳдид боқӣ мемонад. Барои пешгирӣ аз сироятёбӣ дар ҷумҳурии мо кадом чораҳоро андешида истодаед?**

- Тавре маълум аст, яке аз омилҳои асосии пешгирии бемориҳои сироятӣ, махсусан бемории сироятии COVID-19 ин ба ваксинатсия фаро гирифтани шаҳрвандон мебошад.

Шурӯъ аз 23-юми марти соли 2021 то 23-юми июни соли 2023 сатҳи фарогирии иммунизатсияи зидди сироятии COVID-19 бо вояи якум - 99,1 фоиз, вояи дуюм - 97,9, вояи якуми бустерӣ (сеюм) - 97,6 ва бо вояи дуюми бустерӣ (чорум) 85,8 фоиз ташкил додааст.

Дар маҷмӯъ, ҳоло вазъи соҳаи тандурустии мамлакат муътадил мебошад ва кормандони соҳа бо дасту дили пок барои таъмини солимии аҳолӣ шабонарӯзӣ фаъолият доранд.

**- Дар кадом ҳолат аз кори худ қаноатманд мешавед, дар ҳоле ки барои табобат ин қадар сарусадо зиёд аст?**

- Ман фикр мекунам, ҳеҷ кас наметавонад фаъолияти худро натиҷагирӣ ва ба он аз нигоҳи худ баҳо бидиҳад. Ба фаъолияти ҳар шахс, аз корманди одӣ сар карда, то роҳбар мардум баҳо медиҳад.

Айни замон фикру андешаи мо ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти боз ҳам беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ равона карда шудааст.

**Мусоҳиб Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

# ТАҲСИЛОТИ ДУАЛӢ

**Чаро Вазорати маориф ва илм дар зинаи таҳсилоти касбӣ усули нав ворид кардан мехоҳад?**



**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи таълимӣ усули нав – таҳсилоти дуалиро ҷорӣ намуданист. Ба ин хотир, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ» ва санадҳои дигари танзимкунандаи соҳа мафҳуми нав «Таълимоти дуалӣ» ворид шуд. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи таълимӣ» низ тағйирот ворид шуд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.**

### ТАҲСИЛОТИ ДУАЛӢ ЧӢ ГУНА ТАҲСИЛОТ АСТ?

Мутахассисони соҳа таҳсилоти дуалиро низоми таълимие арзёбӣ менамоянд, ки дар он донишҷӯён қисми назариявии таълимро дар муассисаи таълимӣ ва қисми амалиро дар истеҳсолот - корхонаю муассисаҳо мегузаронанд. Яъне, таҳсилоти дуалӣ имкон фароҳам меорад, ки таҳсил бо таҷрибаи амалӣ дар корхонаю ташкилотҳо пайваст гардад. Мақсади асосии гузаштан ба таҳсилоти дуалӣ тағйир додани шаклу усулҳои таълим ва ба талаботи давр мутобиқ намудани фаъолияти зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи таълимӣ мебошад.

Сардори Раёсати муассисаҳои таҳсилоти олии Вазорати маориф ва илм Наврӯз Мирзозода ҳини суҳбат ин навъи таҳсилотро аз маъмултарин ва дастрастарин усули замонавии омода намудани мутахассисони оянда дар самтҳои гуногун арзёбӣ намуд. Номбурда, аз ҷумла гуфт: «Афзалияти таълими дуалӣ дар он аст, ки донишҷӯ дар давоми таҳсил, ба раванди кор аз наздик ошноӣ пайдо намуда, касби ояндаашро ҳамаҷониба аз худ мекунад. Ин, пеша аз ҳама, имкон фароҳам меорад, ки оянда ба ҷои кор чун мутахассиси корозмуда ворид шавад ва корашро бо сифати баланд анҷом диҳад. Омӯзиш нишон медиҳад, ки ин яке аз роҳҳои хуби омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат дар тамоми соҳаҳо мебошад».

Тибқи маълумоти дастрас, таълимоти дуалиро бори аввал кишвари Олмон ба низоми таҳсилоти касбӣ ворид намудааст.

Дар Федератсияи Россия аввалин шуда таҳсилоти мавриди назарро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ роҳандозӣ намуданд. Таҷрибаи ин кишвар чунин аст: ду соли аввал донишҷӯён дар муассиса таълими назариявӣ мегиранд ва ду соли оянда назарияро бо амалия дар ҳамбастагӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ мегузаранд.

### ТАҲСИЛОТИ ДУАЛӢ ДАР МО ЧӢ ГУНА АМАЛӢ ХОҲАД ШУД?

Тибқи нақша таҳсилоти дуалӣ дар асоси барномаи таҳсилот, нақшаи таълимӣ ва силлабус, ки мутобиқи «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ» ва «Низомнома оид ба ташкили раванди низоми кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» таҳия шудаанд, амалӣ мегардад. «Низомномаи таҳсилоти дуалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм тасдиқ гардид, ки дар ҷорӣ намудани ин навъи таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ замина мегузорад.

-Тибқи низомнома, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо корхонаҳо шартномаи ҳамкорӣ мебанданд. Корхонаҳо (корфармо) имкон пайдо менамоянд барои шумораи муайяни мутахассисон фармоиш диҳанд ва ҳатто дар таҳияи барномаи таълимӣ низ иштирок намоянд. Дар маҷмӯъ, раванди таълим тавре роҳандозӣ мегардад, ки донишҷӯён аз таълим дур нашуда, ба истеҳсолот ворид мешаванд, - гуфт Наврӯз Мирзозода.

Машғулиятҳои таълимӣ дар таҳсилоти дуалӣ якҷоя бо корфармо тибқи тартиби зерин мегузарад: таълимгирандагон 60 фоизи вақт дар муассисаи таълимӣ таълим мегиранд, 40 фоизи вақти боқимонда дар корхона таҳти роҳбарии устоди роҳнамо малакаҳои касбиашонро сайқал медиҳанд. Таҳсили таълимгиранда дар корхона танҳо аз рӯйи фанҳои тахассусӣ ба роҳ монда мешавад.

Тавре аз суҳбат бо Наврӯз Мирзозода маълум шуд, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша дорад таълимоти дуалиро аз соли нави таҳсили 2023-2024 дар 4 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ, Донишкадаи саноат ва хизматрасонӣ ва Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон ба таври таҷрибавӣ роҳандозӣ намояд.

Масъулин то куҷо ба ҳадаф мерасанд, вақт нишон хоҳад дод.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

ОБУНА - 2024

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 196 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешохангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## КУМИТАИ РУШДИ САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

**1. Сармутахассиси Раёсати рушди сайёҳии кумита - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ, идоракунии давлатӣ, иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабиро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер;
- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 1577 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**2. Мутахассиси пешбари Раёсати рушди сайёҳии кумита - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ, идоракунии давлатӣ, иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер;
- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 1286,5 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**3. Мутахассиси пешбари Бахши котиботи кумита - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, идоракунии давлатӣ, гуманитарӣ, технологияҳои муосири электронӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ ва 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер;
- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 1286,5 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**4. Мутахассиси Раёсати рушди сайёҳии кумита - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ, идоракунии давлатӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер;
- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 1062,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Барои иштирок дар озмун аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:**

- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона акси андозаи 4х6 (маълумотҳои шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шаванд);
- тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молу мулки худ (эъломияи андоз);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оид ба доғи судӣ надоштан (ИТС);
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Бахши кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз, баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ, қабул карда мешаванд.**

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо - 3, индекс: 734025, тел: (372) 27-85-79.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 417365 | Бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ | Монитор ва курсӣ барои театр | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 25.08.2023 18:20:00 |
| 2 | 417359 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.08.2023 16:00:00 |
| 3 | 417361 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷевони ҳаракаткунандаи бойгонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.08.2023 18:15:00 |
| 4 | 417364 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Нурии органикии моеъ, гулдонҳои полиэтиленӣ, тухми алафи ҳамешасабз ва тухми гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 30.08.2023 18:38:38 |
| 5 | 417356 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | Компютери рӯимизӣ (моноблок) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.09.2023 15:30:00 |
| 6 | 417358 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Мебел, таҷҳизоти техникӣ, объектив барои дастгоҳи аксбардорӣ, дискҳои дурушти беруна ва компютер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 08.09.2023 15:50:00 |
| 7 | 417357 | Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти бисёрфунксиядор, камераҳои видеоӣ - назоратӣ ва монеаи худкор барои автомобилҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 08.09.2023 15:55:00 |
| 8 | 417363 | Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Харангон»-и ноҳияи Варзоб | Таъмири ҷории ҳавлии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 17:20:00 |
| 9 | 417362 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Трансформатори тамғаи «ТМ-400» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.09.2023 17:30:00 |
| 10 | 417351 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири бинои Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2023 18:18:18 |
| 11 | 417367 | Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи ҷумҳуриявии кӯдаконаи дилу тарбоди «Ҳушёрӣ» | Молҳои нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 08.09.2023 18:30:00 |
| 12 | 417366 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 46 | 08.09.2023 18:48:48 |
| 13 | 417368 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, таҷҳизоти техникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, молҳои масрафӣ, асбобҳои барқии дастӣ ва махсуси дастӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ ва барномаҳои махсуси серверӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 58 | 12.09.2023 14:00:00 |
| 14 | 417369 | Пажӯҳишгоҳи илмӣ - клиникии стоматология ва ҷароҳии ҷоғу рӯй | Доруворӣ наркотикӣ (мадҳушкунанда) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 12.09.2023 14:59:59 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Иқтибоси №94286-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 28-уми марти соли 2023 аз варақаи бақайдгирии №65-008-000117-01-022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 5/9, хонаи 18 ба Сафарова Анжелия Мануковна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми Т-АТА №1282187-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и шаҳри Душанбе соли 2021 ба Шайхова Меҳрафрӯз Зоиршоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АБ № 096463-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Норак соли 1999 ба Нурова Салима Боймаҳмадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 1022346-и гумшуда, ки онро Литсейи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов соли 2022 ба Назаров Фирдавс Амруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Рақами давлатии 7273 МХ 01-и гумшуда (рақами дар қисмати ақиб насбшуда), ки онро РБДА Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми феврали соли 2023 ба автомашинаи тамғаи «Мерседес-Бенс», мутааллиқ ба Шамсутдинов Барон Зайнутдинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Сомон (ҳоло шаҳри Душанбе) ба Неъматова Таҳмина Рауфовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Литсейи технологии назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2008 ба Якубов Дилшод Фазлиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №11605000072646-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Донишгоҳи славянии Россия –Тоҷикистон 27-уми июни соли 2014 ба Сирожев Джовид Джамшедович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи нафақавии гумшуда, ки онро Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 ба Умаралиев Каврак Имомалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №0035304-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2006 ба Мирзоев Шариф Маҳмадсафиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишери Навоӣ, бинои 21/6, хонаи 17 ба Нурова Садбарг Раҳматуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15-уми июни соли 1998 таҳти қайди 8Д-3037 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишери Навоӣ, бинои 21/6, хонаи 17 ба Нурова Садбарг Раҳматуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи нуҳуми кӯчаи 40-солагии Тоҷикистон, хонаи №7 ба Гулямова Мавҷуда Раҳматовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК №0144662 (342)-и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ бо ихтисоси кори умумитиббӣ соли 2018 ба Сарихонов Баҳодур Исмоилович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 347, хонаи 13 ба Шаропов Аҳлиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Ломоносов, бинои 8, хонаи 11 дар асоси ҳалномаи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 7-уми майи соли 2012 ба Садриддинов Асомуддин Муҳиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи ҳаштуми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А №380901-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Қубодиён соли 1989 ба Одинаева Гулбута Раҳмидиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А №112801-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Қубодиён соли 1994 ба Хасанов Тоҷиддин Амиридинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А №263420 - и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Қубодиён соли 1996 ба Курбонов Муминшо Шодиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати такрории хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 1098216-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Қубодиён соли 2022 ба Садридинзода Бозорбойи Махмашариф додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ 1830034764-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба Ҳамидов Халил додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 1-уми июни соли 2023 ба Ғайбуллоев Убайдулло Ҳасанович (РМА 046457243) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0077594-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Данғара 29-уми июни соли 2010 ба ЧДММ «Данғара» (2210001045) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи манзили истиқоматии таҳти феҳристи 9Д-1083, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 28-уми сентябри соли 1994 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 34/3, хонаи 50 ба Нусратова Ҳилола Холиқовна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №271765-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ соли 2010 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Пахтакор ба Акбаров Зоир Азамович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи МБПУ № 0000299-и гумшуда, ки онро Мактаби байналмилалии президентӣ соли 2022 ба Инам Хкула додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи хориҷии шаҳрвандии гумшудаи шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки онро Раёсати бақайдгирӣ ва шиносномадиҳии ВКД Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Мамадёрова Шаҳзода Барот қизи додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Темурмалик соли 1983 ба Салимов Валӣ Ҳусейнович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 24-уми августи соли 2022 таҳти феҳрасти 1097 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи якуми кӯчаи Саноат, хонаи 10 ба Азизов Амирхон Тағойхонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи якуми кӯчаи Саноат, хонаи 10 ба Абдираҳимов Тағойхон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Варзоб 23-юми декабри соли 2009 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Чорбоғ (ҳоло Варзобқалъа), деҳаи Шафтимиҷгон ба Бобоев Ҳотам Ганиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқии гумшуда (РМА 0910008527, РЯМ 0910005599), ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор 30-юми июни соли 2010 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Хонақоҳ, деҳаи Шӯроби Афғон ба Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0101028, таҳти қайди 27-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Ҷиликӯл 6-уми декабри соли 2006 бо суроғаи ноҳияи Ҷиликӯл, Ҷамоати деҳоти Г. Гулмуродов, деҳаи Қаҳрамон, ба Амонов Давлатгелдӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи хориҷии навъи P, силсилаи TJK №404006413-и гумшуда, ки онро Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Франсия 7-уми июни соли 2022 ба Аҳмадҷон Маруфзода додааст, эътибор надорад.

✓ Ҳуҷҷати ронандагии категорияи AM Б-и гумшуда, ки онро префектураи Парижи Ҷумҳурии Франсия 27-уми декабри соли 2021 ба Толибов Аҳмадҷон Маруфович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0584579-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 8-уми августи соли 2023 ба Ғаниева Фарида Хоҷаалиевна (РЯМ 0331472341, РМА 096161153) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории таҳти қайди 9801-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 10, хонаи 24 ба Абдулов И.П. додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Д. Барно (собиқ Деповская), бинои таҳти литери 2-1/хп ва 3-1/хп, хонаи 47 ба Сайдуллаев Абубакиржон Расулжон-уғли додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0238298-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 9-уми июли соли 2020 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Д. Барно (собиқ Деповская), бинои таҳти литери 2-1/хп ва 3-1/хп, хонаи 47 ба Мираков Абубакр Расулжанович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ЧДММ Студияи Телевизиони «Мавҷи озод» (РЯМ 1910000886), ки дар Нозироти андози ноҳияи Восеъ ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ЧДММ «Роспожстрой» (РЯМ 0210009675, РМА 020025681), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0094299 буда, 30-юми июни соли 2010 дар Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ЧДММ «АЗИЯ ТОБАККО ТРЕЙДИНГ» (РМА 120031888, РЯМ 1210001449), ки 29-уми январи соли 2010 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ЧДММ «Майҳан» (РЯМ 1210012449, РМА 120042863), ки 13-уми ноябри соли 2018 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Холдинги аграрии Хатлон» (РЯМ 2810007375, РМА 280017178), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0278261 буда, 27-уми декабри соли 2022 дар Нозироти андози шаҳри Бохтар ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Кормандони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муовини сардори Раёсати стандартҳо, таҳлил, рушд ва ҳамкориҳои байналмилалии коргоҳ Исмоилзода Иброҳим Ҳамза бинобар даргузашти бармаҳали духтараш**

**АМИНА**

**изҳори ҳамдардӣ намуда, барояш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волояти қонун

Садои мардум

Муассис:
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 24 августи соли 2023, соати 10:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха*

Навбатдори шумора
М. Нуралиев

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97